# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Саидиҳсонович дар мавзуи “Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насриддини Тусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа.**

Автореферати диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Саидиҳсонович, ки дар як мавзуи хеле муҳим бо номи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» таҳия шудаааст, ба масъалаҳои ратсионализм ва ҷаҳонбинии илмӣ дар Тоҷикистони муосир хеле муҳимму зарурӣ донист шуда, ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Дар муқаддимаи таҳқиқоти тақризшаванда мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳо ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда дода шуда, ҳамаи қисматҳои он аз ҷиҳати илмӣ ба таври хеле возеҳ асоснок карда шудаанд.

Аз рӯйи мавзуи баррасишавандаи автореферати диссертатия маълум мегардад, ки муаллиф масъалаи мубрами мантиқӣ-маърифатиро дар назария ва амалия бо хулосаҳои мантиқӣ дар панҷ боб ва сездаҳ зербоб ба таври муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида, бо назардошти таҳқиқ ва хулосаҳо тавсияҳои хеле хуб ҳам пешниҳод намудааст. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқ тавассути таҳлилу

баррасии масъалаҳои мантиқӣ-маърифатӣ ҳамчун категорияи фалсафӣ ва мафҳумҳои алоқаманд ба он, тафсири рушди истилоҳоти «мафҳум», «қазия», «қиёс», «бурҳон» ва «маърифат» дар таълимоти фалсафии аҳди бостон (Арасту) ва асрҳои миёна – дар низоми мантиқии Форобӣ ва Н.Тусӣ, пажуҳиши ҳамин масъала дар муқоисаи фалсафаи аврупоӣ ва муосир, намудҳои тафсири мафҳумҳои мантиқӣ-маърифатӣ дар консепсияҳои муосири фалсафӣ-илмӣ ва амсоли он сурат гирифтааст, ки моҳияти мавзуи матраҳшударо ба пуррагӣ фаро мегиранд.

Самти дигари муҳимми предмет ва объекти таҳқиқшаванда, яъне масъалаҳои мантиқӣ-маърифатӣ ва роҳҳои ҳаллу натиҷагириҳои онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ бо баррасии масъалаҳо ва мушкилоти зарурати бознигарӣ ба масъалаҳои фалсафӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди иҷтимоии инсоният ва таъмини тафаккури илмӣ дар шароити тағйирёбандаи сиёсатгузорӣ дар ҷаҳони муосир сурат гирифта, андешаҳои муаллифи диссертатсия баён гардидаанд, ки тамоми онҳо барои равшан сохтани масъала ва мушкилоти дар ин самт дар сатҳи Тоҷикистон ва дар сатҳи байналмилалӣ мавҷудбуда хеле муҳим ва мубрам ба назар расида, мақсад ва вазифаҳои асосии он ташаккули тафаккури илмӣ ва таъсиси як ҷаҳонбинии густаришёфта ва сазандаи инсони комил мебошад.

Дар бобҳои диссертатсия муаллиф кушидааст, ки асосҳои вазъу ҳолат, раванд ва натиҷагириҳо ва дурнамои татбиқи принсипҳои мантиқиро дар Тоҷикистони муосир мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор диҳад. Бо ин мақсад муаллифи диссертатсия масъалагузориҳои фалсафӣ-мантиқиро дар таҷрибаи ҳаётии ҷомеаи асримиёнагӣ ва воқеияти замони имрӯз, татбиқшавии онҳо бо раванди омӯзишу пажуҳиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои илми мантиқ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ин васила, ҳамчун механизми тақвиятдиҳандаи худшинос дар Тоҷикистон, дурнамои ҳамкории ниҳодҳои илмии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат дар Тоҷикистон ҷиҳати таъмини афкори илмӣ ва

ғайраҳоро баррасӣ карда, андешаҳои худро ба таври мушаххасу асоснок баён доштааст.

Бояд таъкид намуд, ки оид ба мантиқ ва наши методологии он муаллифи диссертатсия на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ масъалагузорӣ намудааст, ки ин равиш яке аз дастовардҳои беназири таҳқиқоти тақризшаванда мебошад. Дар ин самт андешаҳои муаллиф дар бораи он, ки имрӯз раванди омӯзиши илми мантиқ вабаста ба сиёсатҳои номуносиби ҷоҳон, ки зиракиро талаб мекунад, тақозо карда мешавад, ки барои дуруст ба роҳ мондани таълимот дар ин самт мебояд ба ганҷинаи маърифати ниёгон рӯ оварда, дар ин замина бо истифода аз ҳувияти миллӣ ғояҳои илмӣ-миллии худро густариш бахшида, ба рушди истиқлолияти комили сиёсӣ-фарҳангии худ саҳмгузор бошем, то ба ин пешниҳодот ояндагон аз хатои зеҳн дар амал эмин монанд.

Ба таври умумӣ метавон асосҳои илмии авторефератро хулоса намуд, ки тамоми мушкилоту масъалаҳои дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қароргирифта, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро бо хулосаҳои ҳалталаб нишон медиҳанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқ тарзи нави масъалагузории илмӣ, таҳқиқи бонизоми равишҳои мантиқӣ ҳамчун қиёс ва натиҷаҳои зеҳнӣ ва унсурҳои дигари диссертатсия аз навгониҳои саривақтии муаллифи он шаҳодат медиҳанд. Ҳамаи ин аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро метавон дар ҳаёти ҷомеа ва раванди таълими фанни мантиқ истифода намуд.

Бо вуҷуди он ки автореферати диссертатсия муваффақона анҷом ёфтааст, барои комилтар шудани матни он, ин мулоҳизаро метавон зикр кард, ки ба муҳтаво таъсири ҳалкунанда намерасонад:

1. Муаллифи автореферат манобеи донишро, ки аз ҷониби Н.Тусӣ дар шонздаҳ навъ пешниҳод намудааст, овардааст, беҳтар мебуд барои дарки оммавии онҳо мисолҳо оварда мешуд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба сифати умумии диссертатсия таъсир намерасонанд. Аз ин рӯ, дар асоси автореферат метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Саидиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. – таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, ба тамоми талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтанидараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Худойдодзода Ф.Б.**

**Суроға:** 734037 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Хоразмӣ 2, хонаи 25.
Тел. (992 985256699) ; E.mail: farukh1984@mail.ru

**Имзои д.и.ф., профессор Ф.Б. Худойдодзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Қодирзода Сайвалӣ**

**Суроға:** 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj

«11» марте соли 2026.